***ТДУ 63.3***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-46-52***

***САҲМИ ПРОФЕССОР АБДУЛЛОҶОН МИРБОБОЕВ ДАР ОМӮЗИШИ МЕРОСИ ТАЪРИХИВУ ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК***

***Исомитдинов Жорабек Бобобекович,*** *н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи ватан ва археология;* ***Абдувалиева Гулдаста Фирдавсовна,*** *магистранти курси 2-и кафедраи таърихи ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров", (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ВКЛАД ПРОФЕССОРА АБДУЛЛОДЖОНА МИРБАБАЕВА В ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИКО-КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА***

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *к.и.н., доцент, заведующей кафедры отечества истории и археологии;* ***Абдувалиева Гулдаста Фирдасовна,*** *магистр 2-го курса кафедры отечества истории и археологии ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***CONTRIBUTION OF PROFESSOR ABDULLOJON MIRBABAEV INTO STUDY OF HISTORICAL AND CULTURAL HERITAGE OF TAJIK PEOPLE***

***Isomitdinov Zhorabek Bobobekovich,*** *candidate of historical sciences, Associate Professor, head of the department of home history and archeology;* ***Abduvaliyeva Guldasta Firdasovna,*** *second-year master degree of the department of home history and archeology under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *isomatdinov1961@mail.ru;*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мероси таърихиву фарҳангӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ, таҳқиқи осори бостоншиносӣ, ҳифзи ёдгориҳо, ёдгориҳои меъморӣ, мазорҳо*

*Дар мақола фаъолияти илмиву эҷодии яке аз муаррихони номвар, доктори илм, профессор Абдуллоҷон Мирбобоев дар самти омӯзиш ҳифз ва тарғиби мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик(дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ) мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки Абдуллоҷон Мирбобоев тамоми умри хешро сарфи ҷустуҷӯ, таққиқу омӯзиш, ҳифз ва дастраси аҳли илм ва мардум гардонидани осори пурарзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни бостонии ниёгони мо, хосатан Хуҷанд ва дигар мавзеъҳои таърихии вилояти Суғд сафарбар намудааст. Доираи фаъолият илмӣ ва таҳқиқоти А.Мирбобоев хеле васеъ буда, бештари онро таърихи даврони бостон, фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, анъанаҳои мардум, расму оини мардуми шаҳру вилоятҳои Суғди бостон ва манотиқи ҳамҷавори он ташкил медиҳанд.*

***Ключевые слова:*** *историко-культурное наследие, археологические раскопки, изучение археологических памятников, защита культурных памятников, архитектура, мазары*

*В статье анализируется научная и творческая деятельность одного из ведущих историков, доктора наук, профессора Абдуллоджона Мирбобоева в области охраны и пропаганды историко-культурного наследия таджикского народа (на примере Северного Таджикистана). Отмечается, что Абдуллоджон Мирбобоев всю свою жизнь посвятил поиску, исследованию, изучению и сохранению ценного наследия, истории и культуры наших предков, особенно Худжанда и других исторических мест Согдийской области.* Указано, что *сфера научной деятельности и исследований А.Мирбобоева очень широка и ее большую часть составляет история древности, духовная и материальная культура, народные традиции, обычаи и традиции народа и городов древнего Согда и его окрестностей.*

***Key words****: historical and cultural heritage, archaeological excavations, study of archaeological sites, protection of cultural monuments, architecture, mazars*

*The article* dwells on *scientific and creative activities of one of the leading historians, Dr. of* History, *Professor Abdullojon Mirboboev in the field of protection and promotion of historical and cultural heritage of the Tajik people (on the example of Northern Tajikistan). It is* underscored *that Abdullojon Mirboboev devoted his whole life to searching, researching, studying and preserving the valuable heritage, history and culture of our ancestors, especially Khujand and other historical places of Sughd region. The scope of scientific activity and research of A.Mirboboev is very wide, most of which is the history of antiquity, spiritual and material culture, folk traditions, customs and traditions of the people and cities of ancient Sughd and its environs.*

Яке аз олимони таърихшинос, ки дар омӯзиш ва тарғиби мероси таърихиву фарҳангии ниёгонамон саҳм гузоштааст Абдуллоҷон Мирбобоев мебошад. Ӯ соли 1969 факултаи

таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ба итмом расонда, дар Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кард ва беш аз сӣ сол дар ин ҷо заҳмат кашид, зинаҳои сарлаборант, ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ, ходими пешбари шӯъбаи таърихи фарҳангро паймуд. Соли 2000 барои идомаи фаъолият Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров гузашт ва ҳамчун омӯзгор ба кор шурӯъ намуд. Аз соли 2002 мудири кафедраи бостоншиносӣ ва мардумшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, профессор ва дар чанд соли охир то поёни умр мушовири ҳамин кафедра буд[1].

Абдуллоҷон Мирбобоев аз бостоншинос ва фарҳангшиноси намоён аст, ки ҳанӯз солҳои 1971-1974 дар ҳайати байналмилалии муштараки бостоншиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон дар ҳафриёти қисмати шимоли давлати ҳамсоя ширкат варзидаанд. Инчунин дар фаъолияти дастаҳои мухталифи бостоншиносии Тоҷикистон ҳамроҳи карда, дар таҳқиқи осори хароба, кушку оташкадаҳои Истаравшан, силсилаосори қадимаи Хуҷанд, Исфара ва дигар маҳалҳо саҳм гирифтааст, бобати фарҳангшиносӣ ва этнологияи таърихии Суғду Фарғона, таърихи мадрасаҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон ва ғайра таҳқиқоти судманд анҷом додааст. Дар таълифи нашри нави «Таърихи халқи тоҷик» (шашҷилда ба забони русӣ) фаъолона иштирок намуда, барои ЭСТ(8 ҷилд), ЭАСТ(3 ҷилд), Энсиклопедияи Хуҷанд, «Донишномаи Сомониён» беш аз дусад мақола навиштааст. Дар маҷмӯъ соҳиби қариб 800 (ҳаштсад) асари илмӣ, таълимӣ ва мақолаҳои илмию оммавӣ мебошад. Дар чандин конфронсу ҳамоишҳои байналмилалии бостоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ маърӯзаҳои илмӣ доир кардааст.

Устод Абдуллоҷон Мирбобоев тамоми умри бобаракати хешро сарфи ҷустуҷӯ, такопӯ, таҳқиқу омӯзиш, ҳифз ва дастраси аҳли илм ва мардум гардонидани осори пурарзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни бостонии ниёгони мо намуда, дар ин ҷода хизматҳои шоиста намудааст. Муаррихи дақиқназар ва пухтакор профессор А.Мирбобоев ганҷҳои парешони таърихро аз қаъри асрҳо, аз зери замин, аз кӯшку қалъаҳои харобгашта, аз сафолпораву кӯзаҳои шикаста, авроқи парешони китобҳои қаламии кӯҳнаву пароканда ҷустуҷӯ намуда, аз умқи таърих ҳамеша шӯъла меҷуст, шӯълае, ки равшангари таърихи мо буда, моро аз сарнавишт, ҳикмати китоби зиндагиномаи ниёгон воқиф месозад ва аз худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, ифтихор аз гузаштаи ғанӣ ва рангини худ сабақ медиҳад[14,с.3].

Мавсуф ҳанӯз соли 1966 ҳангоми донишҷӯи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) буданаш дар ҳафриёти бостоншиносӣ дар Шаҳристони бостонӣ дар ҳайати донишҷӯёни таҷрибаомӯз ширкат варзида, алифбои илми бостоншиносиро азхуд намуда ба ин илм шавқу ҳаваси зиёд пайдо намуд. Минбаъд ӯ муттасил дар ҳафриёти бостоншиносии қисмати шимолии Тоҷикистон таҳти роҳбарии бостоншинос, академик Нӯъмон Неъматов дар ҳайати бостоншиносони тоҷик дар омӯзиши Тоҷикистони шимолӣ дар таҳқиқу ковишҳои қалъаи Қаҳқаҳаи қасри Афшинҳои Истаравшан, кӯшки Чилҳуҷра, харобаи асотирии Муғтеппа, бошишгоҳи Нуртеппа, оташкадаи Оқтеппа ва Каллахона, дарвозаи дижи Хуҷанд, таҳқиқи корезҳо ва иншооти сои Ҳоҷабақирғон, осори сершумори бостонии деҳкадаҳои Чоркӯҳ, Ворух, Сурх ва Навгилеми Исфараи бостонӣ иштирок намуд.

А. Мирбобоев соли 1977 дар Шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Тоҷикистон таҳти роҳбарии академик Н.Неъматов дар мавзӯи «Таърихи мадрасаҳои Тоҷикистони Шимолӣ» рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуд. Минбаъд натиҷаи тадқиқотҳои худро А.Мирбобоев дар ду ҷилд китоб бо номи «Таърихи мадрасаҳои Тоҷикистон» (Душанбе, 1994) ва силсилаи мақолаҳои худ ҷамъбаст ва интишор намуд.

Ӯ дар асоси маълумоти нодири бойгониҳои шаҳрҳои Хуҷанд, Душанбе, Тошканд, Санкт-Петербург, сарчашмаҳои таърихӣ ва вақфномаҳо доир ба таърихи бунёд ва фаъолияти кулли мадрасаҳои шаҳру деҳоти Мовароуннаҳр маълумоти мушаххас пайдо намуда, онҳоро аз рӯи тартиботи муайян тахдил намуд ва ба низом даровард. Масалан, А.Мирбобоев дар рисолаи хеш дар хусуси фаъолияти 48 мадрасаи Хуҷанд маълумоти нодир гирд овардааст.

Саҳми устод, ҳамчунин, дар шинохти таърих ва фарҳанги шаҳри Хуҷанд беназир аст, зеро мавсуф дар ибтидои солҳои навадуми асри XX рисолаи бунёдии худ «Мероси таърихии Хуҷанд»-ро ба қалам овардааст. Мавсуф дар ин асар таҷрибаи этнографи варзида, муҳаққиқи таърих ва этнографи Бухоро О.А.Сухареваро давом дода, бо истифода аз маводи қабристонҳои асримиёнагӣ, динамикаи васеъшавии ҳудуди Хуҷандро дар тӯли ду ҳазорсолаи охир мураттаб аниқ намуд. Ҳини тадқиқоти мӯшикофонааш Абдуллоҷон Мирбобоев муайян кард, ки то инқилоби соли 1917 дар шаҳри Хуҷанд 48 мадраса ва 40 қорихона фаъолият доштааст. Мавсуф бо овардани ин рақамҳо бори дигар афсонаи то Инқилоби Октябр саросар бесавод будани тоҷиконро барбод дода тавонист.

Профессор А.Мирбобоев дар рисолаи худ “Мероси таърихи Хуҷанд”[8], ки ба забони русӣ нашр шудааст, фасли алоҳидаеро ба таърихи қабристонҳо ва мазорҳо Хуҷанд бахшидааст[8,с.15-23].

Дар ибтидои солҳои 80 - уми қарни XX А.Мирбобоев дар қатори дигар масъалаҳо, бо омӯзиши масъалаи таърихи обёрии Хуҷанд машғул шуд. Соли 1986 дар шаҳри Хуҷанд бахшида ба 2500 - солагии шаҳр Конфронси илмии Умумииттифоқӣ баргузор гардид. Дар конфронс А.Мирбобоев оид ба каналҳои обёрикунандаи Хуҷанд гузориши илмӣ намуд. Ӯ дар асоси омӯзиши дақиқи релеф ва топографияи шаҳр ба хулосае омад, ки дар қадим шохобҳои дарёчаи Такоб (асри XIII - сойи Хоҷа Боқиргон) Хуҷандро убур намуда, ба Сирдарё мерехт. Осори ин шохобҳоро дар релефи шаҳр, ҳанӯз дар солҳои 50 - 70 - уми асри гузашта дар шакли ҷар ва ё сойҳои хушкида дидан мумкин буд. Бостоншиносон осори онҳоро дар 15 шурф - ҳафрияи дар ҳудуди шаҳр кандашуда ба қайд гирифтаанд. Ба ақидаи А.Мирбобоев топонимҳои “Чор лахт”, “Сойи читгарон”, “Сойи Марғузорак” ва “Сойча” як вақтҳо шохобҳои руди Такоб буданд. Ин мавзӯъ, то андозае барои донистани таърихи шаҳр муҳим буд, ки мавсуф доир ба он рисолаи алоҳидаеро таҳти унвони “История орошения Худжанда и его округи” (Хуҷанд, 2005) рӯи кор овард.

Бояд тазаккур дод, ки А.Мирбобоев оид ба омӯзиши топонимикаи шаҳри Хуҷанд низ бисёр корҳоро ба сомон расонидааст. Ҳангоми омӯзиши маҳаллаҳои шаҳр ӯ бо топонимҳои “Хазонак”, “Хоҷаи Мохрӯ”, “Найсувор”, “Испаракон” ва ғайра дучор омада, маънии онҳоро баён намудааст. Ин ва дигар маълумоти хусусияти кишваршиносӣ доштаро А.Мирбобоев дар асараш “Хуҷанднома” (Хуҷанд, 1996) ҷамъ овардааст.

Ӯ, инчунин, дар саргаҳи таълифи дигар асари бунёдӣ «Хуҷанд. Энсиклопедия»(Душанбе, 1999) қарор дошта, барои он беш аз 300 мақолаи илмӣ таълиф кардааст.

Мазорҳо ё худ макони муқаддас як ҷузъи таркибии таърих ва фарҳанги тоҷик маҳсуб мешаванд. Нахустин мазорҳои исломӣ дар хоки Мовароуннаҳр дар солҳои 60- 70-уми асри VII ба миён омадаанд. Масалан, мазори Қусам ибни Аббос ё худ Шоҳи Зинда дар Самарқанд, мазори Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, мазори Муҳаммад Башоро дар Панҷакент, мазори Шайх Маслиҳатдин дар Хуҷанд аз ёдгориҳои барҷастаи меъморианд, ки онҳо то рӯзҳои мо ҳифз мешаванд.

Аз руи ақидаи мухаққикон мазорҳо ё маконҳои муққадасро ба се навъ гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: 1) мазоре, ки воқеан дар онҷо ягон шахсияти бузурги мадфун аст; 2) қадамҷой; 3) мазорҳои файзи осор. Қадамҷой- маконе, ки дар он замоне бузургворе зиста ё муддати чанд дар он ҷо умри худро сипарӣ намудааст. Мазори файзи осор- мазорест, ки дар он ҷо бузургворе ягон чизе ё ашёеро, мисли ҷома, пироҳан, китоб дафтар, қалам ва ғайра ёдгор монда, иродатмандон он маконро чун намоди муқаддас ҳифз ва зиёрат мекунанд[12].

Профессор А.Мирбобоев роҷеъ ба мазорҳои шаҳри Хуҷанд ва дар атрофи он, ба монанди Ҳазрати Бобо, Хоҷаи Мохрӯ, Шайх Муслиҳиддин, Қадамҷои Хоҷа Камол, Хоҷа Бақирғон, Бурхи Сармасти Валӣ, Шайх Бурҳониддини қилич ва дигар авлиёю ашхоси мӯътабари исломӣ мақолаҳо эҷод намуд, ки онҳо дар нашрияҳои мухталиф чоп гардидаанд[2].

Аз рӯи ақидаи профессор А.Мирбобоев дафнгоҳи Хуҷандро аз рӯи расму одати гӯронидани ба се давраи калони таърихӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Давраи аввал- давраи қадиму қадимтарин буда, ҳазорсолаи II-1 то милодро дар бар мегирад.

Давраи дуюм - замони атиқӣ ва ибтидои асрҳои миёна буда, асрҳои 1-УШ и ҳазорсолаи аввали солшумории милодиро фаро мегирад.

Давраи сеюм - ба замони ислом рост меояд ва 1200 соли охирро фаро мегирад [9,с.83].

Давраи охирро профессор А.Мирбобоев дар навбати худ ба 3 гурӯҳ ё давраҳои калон: асрҳои 1Х-Х11, асрҳои ХШ-ХУШ ва асрҳои Х1Х-ХХ ҷудо намудааст[9,с.83].

Дар рисолаи А.Мирбобоев “Мероси таърихии Хуҷанд” оид ба мазорҳои Эшони Содиқ Шайх, Хорак, Мирзо Идрис, Хоҷа Абду Саид, Чуқурак, Ҳоҷа Побел ва ғайра маълумоти ҷолиб оварда шудааст[8,с.23].

Доир ба мазори Эшони Содиқ Шайх маълумот дода, профессор А.Мирбобоев чунин менигорад, ки мазори мазкур на дуртар аз намои шарқии қисмии шаҳр, дар кунҷи қисмати шарқии регистонии Хуҷанд воқеъ буда, то соли 1902 он ҳанӯз obод буд.

Мазори Хорак дар маҳаллаи ҳамномии қисмати маҳаллаи Раззоқи шаҳр, дар соҳили рости анҳор воқеъ буд. Иморати мазор боқӣ намондааст. Мазори Мирзо Идрос дар маҳаллаи Миршукур воқеъ гашта, он соли 1745 бунёд шуда буд.

Мазори Хоҷа Абӯсаид дар маҳаллаи Масҷиди Сурх ҷойгир шуда, аз рӯи маълумоти бойгонӣ он соли 1115 бунёд гашта буд. Мазори Чуқурак дар маҳаллаи ҳамноми қисмати маҳаллаи Раззоқи шаҳр, дар соҳили рости анҳори Раззоқ воқеъ гашта буд. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ ин мазор соли 1395 бунёд шуда, иморати он боқӣ намондааст.

Мазори Хоҷа Побел дар қисмати охири ғарбии шаҳр дар маҳаллаи ҳаноми худ ҷойгир шуда буд. Осори мазор то рӯзҳои мо боқӣ мондааст[8,с.23].

Соли 2001 Бунёди фарҳанги Тоҷикистон китоберо зери унвони «Чаҳордаҳ мазор»[13,с.67] интишор намуд, ки дар он тадқиқоти А.Мирбобоев доир ба Мазори Лангари Моҳиён, Мазори Шайх Маслиҳатдини Хуҷандӣ, Қадамҷои Шайх Камол дар Хуҷанд, Мазори Хоҷа Боқирғон воқеъ дар деҳаи Овчи Қалъача ворид гаштааст.Ногуфта намонад, ки А.Мирбобоев ва гурӯҳи бостоншиносон бо сарварии академик Н.Н. Неъматов дар ҳафриёти мазор- қадамҷойи Садри Шаҳид воқеъ дар маҳалли Лангари Моҳиёни деҳаи Чоркӯҳи Исфара ширкат дошт. А.Мирбобоев дар таҳқиқи асрори мазори Шайх Бурҳониддини Қилич, воқеъ дар деҳаи Шайх Бурҳон саҳмгузор аст[3,с.58-65].

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмии профессор Абдуллоҷон Мирбобоев омӯзиши таърихи Хуҷанд мебошад. Шаҳри Хуҷанд дар аҳди бостон ва замонҳои баъд пуле дар роҳи қадимаи корвонӣ буд, ки он тамаддунҳои Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Тамаддуни нотакрори шаҳрдории хуҷандиён то рӯзҳои муосир барҷо мондааст. Ин аст, ки дар шаҳри Хуҷанд ва деҳкадаҳои атрофи он то ба ҳол номи маҳалҳои қадима, аз ҷумла Динвағкат, Фарақ, Фаркет, Ҳаватаг, Каюмарс, Истак, Хазонак, Хистеварз, Моҳрӯй ва дигар номҳои таърихӣ маҳфуз монданд, ки онҳо баёнгари таърихи қадим доштани шаҳри Хуҷанд мебошад.

Профессор Абдуллоҷон Мирбобоев дар китоби худ «Муқадимаи таърихи Хуҷанд»[5] қайд мекунанд, ки «то миёнаҳои солҳои асри XX дар андаруни деворҳои шаҳр наздик 148 маҳаллаҳои хурду калон мунтазам фаъолият доштанд”[5,с.276]. То солҳои 50 - 60 - уми асри XIX шаҳри Хуҷанд танҳо аз ду даҳа иборат буд. Яке даҳаи Раззоқ ва дигаре даҳаи Қалъаи Нав[8,с.31]. Ҳадди ин даҳаҳо ҷӯйи Мазор ё худ роҳи калони Қӯқанд, ки шаҳрро ба ду ҳисса ҷудо мекард, ба ҳисоб мерафт.

То охирҳои асри XIX даҳаи аз ҳама калонтарини шаҳр даҳаи Раззоқ ба шумор мерафт. Даҳаи мазкур қисми марказӣ, ҷанубу - ғарбии шаҳрро фаро гирифта, дар ҳудуди он 3192 ҳавлӣ, 4 500 таноб замини корам ва 18 ҳазор аҳолӣ мавҷуд буд. Аз лиҳози ҳайати иҷтимоӣ 500 нафари онҳоро фурӯшандагону тоҷирон, 700 нафарро ҳунармандони касбу кори мухталиф, 1200 нафарро деҳқону боғбон ташкил медоданд. Дар ҳудуди даҳаи номбурда инчунин 20 осиёб, 31 ҷувози равғанкашӣ фаъолият менамуд. Даҳа бо оби наҳри Раззоқ шодоб мешуд. Аз нигоҳи унсурҳои фарҳангӣ низ даҳаи мазкур дар сафи пеш меистод. Дар он 115 масҷиди одина ва ҷумъахонӣ, 26 мадараса, наздик 50 адад мактаби ибтидоӣ, қорихона, авратхона ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ фаъолият доштанд. Ягона авратхона дар маҳаллаи Масҷиди сурх ҷойгир шуда буд[5,с.277-278].

Устод А.Мирбобоев даҳаи Қалъаи Навро низ тавсиф намудааст. Он асосан қитъаи шарқии Хуҷандро ишғол намуда, чун воҳиди маъмурии алоҳидаи шаҳр дар охири асри XVII ба миён омадааст. Ин воҳиди номбурда дар самти шимолу шарқӣ ва дар самти ҷануб бо деҳаҳои қадимаи Пули Чуқур, Шайх Бурҳон, Кулангир, Рӯмон ва дар самти ҷанубӣ бо деҳаи Чорсу, Ғозиён ва дигар деҳкадаҳо ҳамҳудуд буд.

Мутобиқи маълумотҳои омории солҳои 70 - уми асри XIX ба ҳайати даҳаи мазкур маҳаллаҳои Қунғуротсозон, Черабек, Чақари бойча, Шайх Исломӣ - 1 ва 2, Бозори асп,

Қӯшмасҷид, Шайх Тоҳир, Ибоди - 1 ва 2, Чақари Кӯрпа, Гузари Қозӣ, Мулло Хол, Хӯҷа Амин, Дарвозаи Қозӣ, Санҷарон, Шаршара, Фӯтабофон, Довудхӯҷа, Чуқурак, Қозӣ Олим, Сари баландӣ, Каллахӯрон, Чуғурчуқон, Тӯпидӯзон, Бешкаппа, Мирзоён 1 ва 2, Кокибофон, Шерби, Хӯҷаи Моҳрӯ, Қӯшбегӣ ва боз чанде аз маҳаллаҳо ворид буданд[5,с.278].

Дар асари илмии "Муқаддимаи таърихи Хуҷанд", ки дар асоси маълумоти маъхазҳои таърихӣ навишта шудааст, устод оид ба муҳити табии шаҳри Хуҷанд дар замони қадим, нахустин шаҳру шаҳракҳо, нақши хуҷандиён дар эҷоди фарҳанги қадим, таърихи масҷидҳои маъруфи Хуҷанд маълумоти дақиқ додаанд. Инчунин дар ин асар роҷеъ ба донишмандони асримиёнагӣ, робитаи бурунмарзии тиҷоратии Хуҷанд, мақом ва манзалати ҳунармандони Хуҷанд дар арафаи ишғоли русҳо маълумот дода шудааст.

Мутобиқи маълумоти таърихии китоби номбурда Хуҷанд аз даврони қадим яке аз марказҳои намоёни ҳунармандӣ ва тиҷорагӣ дар саргаҳи водии Фарғона ба шумор мерафт.

Дар яке аз қисматҳои китоби "Муқадимаи таърихи Хуҷанд" мулки Хуҷанд кишвари фарҳангофар номида шудааст: "Чуноне ки аз ин маълумотҳои пароканда бармеояд, дар Хуҷанд ҳанӯз дар нимаи аввали асри X ва солҳои наврасии Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ муҳити воқеии илми нуҷумшиносӣ фароҳам омада, он ба сифати донишманди боистеъдоди риёзидон сабзида расидани Абӯмаҳмуди ҷавон, ки исми пуррааш Ҳомид ибни Ҳизр аст, мусоидат кардааст. Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ баъди омӯзиши ибтидоӣ дар Хуҷанд ба мақсади аз худ кардани илмҳои замони хеш бо шаҳри Хуҷанд падруд гуфта, озими шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Нишопур, Бағдод ва Рай гардид"[5,с.234]. Инчунин дар ин фасли асар қайд шудааст, "Шуҳрати Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ дар охирҳои асри X , Абӯрайҳони Беруниро ба шаҳри Рай овард ва ӯ бо Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ аз наздик шинос шуд. Теъдоди фарзандони Хуҷанд, ки аз паси дониш ва илм рафтаанд, зиёд будаанд. Фарзандони фарзонаи ҳамон давр Собити Хуҷандӣ, Садриддин Муҳаммад, дар асрҳои XII - XIII фаъолияти Аҷабии Хуҷандӣ, Шаҳобии Ғизоли Хуҷандӣ, Зиёи Хуҷандӣ калон аст"[5,с.236]. Дар "Хуҷанднома"-и худ устод ба маълумоти фаровони таърихӣ ва бостоншиносӣ такя намуда зикр мекунад, ки шаҳри Хуҷанд аз замонҳои қадим асосан маскани сакоиҳо, ки аслан аз қабилаи эронинажод буда, ҳанӯз қабл аз истилои Искандари Макдунӣ дар соҳили рӯди Сир ҳисоре бино карда, ба фарҳанги шаҳрӣ асос гузоштаанд, ба ҳисоб мерафт. Хуҷанд-қайд мекунад устод, - таърихи 3000-сола дорад ва аз асрҳои VII милодӣ бо ҳамин ном дар сарчашмаҳои суғдӣ, паҳлавӣ, чинӣ ва арабӣ сабт шудааст. Истилоҳи "Хуҷанд" дар тарзи "гуйнжандӣ" бори аввал дар ахбори солномаи чинии хонадони Таншу (618-626) ёд шудааст. Вожаи номбурда, дар маъхазҳои суғдӣ, ки аз харобаҳои қалъаи Муғ ба даст омадааст, бо тарзи навишти "кучандӣ" ёдовар мешавад[9,с.20]. Дар асари мазкур, ки аз маҷмӯи мақолаҳо мураттаб гардидааст муаллиф доир ба масъалаҳои маънии вожаи "Хуҷанд", маънии вожаҳои "Исписор" ва "Испонӣ", суннатҳои наврӯзӣ, аз таърихи корезҳои Хуҷанд, таърихи қабристонҳои қадими Хуҷанд, ҳунари чинипазии хуҷандиён маълумоти арзишманд додааст. Аз ҷумла, Абдуллоҷон Мирбобоев дар бобати ҷашнгирии яке аз идҳои қадимаи тоҷикон - Наврӯз дар китоби "Мероси таърихии Хуҷанд"менависад: "Рӯзҳои иди наврӯзи хуҷандиён, пиру барно баҳри лолачинӣ ва сайри лола озими кӯҳи Мевағул ва сӯи мазори Хоҷа Боқирғон, ки он дар деҳаи Шайхони Овчи-Қалъача ҷой гирифта, муваккали рӯди кӯҳии Такоб дониста мешуд, раҳсипор мешуданд. Лолаи кӯҳи Мевағул, бо рангу бӯй ва сурат ҳамто надошт. Дар кӯҳи Мевағул сокинони Хуҷанд асосан дар сари Чашмаи Арзанак истироҳат менамуданд, ки яке аз мавзеҳои хушобу ҳавои Хуҷанд ба шумор мерафт"[8,с.51]. Дар таҳқиқу омӯзиши фарҳанги моддӣ ва маънавии Уструшанаи асримиёнагӣ саҳми бостоншинос, фарҳангшиноси маъруф, профессор А.Мирбобоев бузург аст.

Бояд тазаккур дод, ки доираи фаъолияти илмӣ ва таҳқиқоти А.Мирбобоев хеле васеъ буда, бештари онро таърихи даврони бостон, фарҳанг, анъанаҳои мардум, расму оини мардуми шаҳру вилоятҳои Суғди бостон ва ҳамҷавори он ташкил медиҳанд[15,с.108].

Дар нахустин рисолаи таткиқотии устод А.Мирбобоев, ки ба таърихи мадрасаи Тоҷикистони шимолӣ бахшида шудааст, аз даҳ мадрасаҳои Ӯротеппа маълумот дода шуда, қайд мегардад, ки ин мулк дорои таърихи бой ва марказҳои фарҳангӣ аст[4,с.63]. Муҳаққиқи таърихи мадрасаҳои Тоҷикистони шимолӣ А. Мирбобоев доир ба мадрасаҳои Кукгумбаз, Рустамбек, Хоҷахон, Олкорон, Сорбон, Дегрезӣ, Намозгоҳ, Охунон ва Даҳбед маълумоти ҷолиб додааст.

Омӯзиши таснифоти ҳаёти маънавии уструшаниҳо, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои маҳаллӣ, инъикоси суннатҳои миллӣ дар нақшаҳои рӯи девор, урфу одатҳои динии суғдиёни уструшанӣ аз қабили тотемизм, анимизм, усули нигоҳбинии растаниҳо, тарзи обёрӣ, анъанаҳои нуҷумшиносии истифодаи он дар ҳаёти маънавии уструшаниро дар асоси маводи археологӣ, сарчашмаҳои

таърихию мардумшиносӣ аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти илмии А.Мирбобоев ба ҳисоб меравад. Профессор А.Мирбобоев маркази маъмурии Уструшанаи асримиёнагиро шаҳри Бунҷикат дониста, қайд мекунад, ки маркази бутпарастии Уструшана ҳамин шаҳр буд[6,с.27]. Аз бозёфтҳои кӯшки Чилҳуҷра ин гуна бутҳоро дарёфтанд, ки бо санъати баланд аз чӯб, гил ва нуқра сохта шудааст. Аз қалъаи Муғтеппа низ бутҳои аз гил сохташуда дарёфт карда мешавад [6,с.27].Баъди таҳқиқ ва баррасии натиҷаҳои ҳафриёти археологӣ дар Шаҳристон дар соли 1966 академик Н.Неъматов ба чунин хулосае меояд, ки маҳз ҳамин мазеъ макони Бунҷикат аст. Зеро бозёфтҳои нодир, омӯзиши он чун кандакориҳои рӯи чӯб, қасри афшинҳо - ҳокимони Уструшана, аксҳои рӯи девор, осори ҳунармандӣ, санъати меъмории шаҳри асримиёнагӣ исботи он нгуд, ки академик Н.Неъматов ақидаи худро дигар кунад ва Бунҷикатро ба мавзеи имрӯзаи Шаҳристон кӯчонид[7,с.111-112]. Дар натиҷаи омӯхта шудани қасри Қаҳқаҳа II, ки қасри афшинҳо аст, ороишоти амалӣ ва санъати баланди меъмории яке маказҳои бузурги фарҳангӣ, ҳунарӣ ва иқтисодии Осиёи Миёна будани Бунҷикатро исбот намуд.

Минбаъд низ тадқиқоти эшон дар масъалаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик дар маҷмӯаҳо ва асарҳои бунёдӣ интишор гардиданд. Дар масълаҳои фарҳанг, хоса тадқиқоти муаррих фарогири асрҳои XVI нимаи аввали асри XIX мебошад. Соли 2008 асари ҳаммуаллифон Н.Неъматов, Н.Амиршоҳӣ, А.Мирбобоев ва Ҳ.Пирумшоев рӯи нашр омад. Китоби мазкур таърихи халқамонро аз ибтидои асри XI то нимаи аввали асри XIX - ро дарбар мегирад. Дар таълифи асари мазкур саҳми устод А.Мирбобоев калон аст. Фасли VI, бобҳои 1,2 §3, бобҳои 3,4 § 1,4 ба қалами ӯ мансубанд, ки ин ҷо мо доир ба мавзӯи интихобнамудаи худ танҳо оид ба параграфи 4-уми фасли шашум асар маълумот доданӣ ҳастем. Параграфи мазкур “Фарҳанг, адабиёт ва маънавиёти Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои XVI ва нимаи аввали асри XIX” номгузорӣ шудааст. Ин ҷо муаллиф оид ба адибони номӣ Камолиддин Биноӣ (1453-1512), Зайниддин Восифӣ (1485-тахмин соли 1566), маълумоти муҳиммеро овардааст. Дар оғоз муаллиф ишора дорад, ки дар нимаи асри XVI- XVII дар Самарқанду Бухоро ва шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр ҳаёти илмӣ ва адабӣ каме таназзул ёфт. Дар давраи мазкур доираи адабии Самарқанд чун Одамии Самарқандӣ, Мулло Восилӣ, Турдии Самарқандӣ ва ғ. барои дарёфти ризқу рӯзӣ сӯи Ҳиндро пеш гирифтанд...[11,с.744]. Бо ин ишораҳои худ устод вазъияти душвори сиёсии халқи тоҷикро дар аввалҳои замони салтанати Шайбониён гӯшзад намуда, қайд мекунад, ки ҳолати мазкур боиси фалаҷ шудани доираи адабии шаҳрҳои Мовароуннаҳр, бахусус Самарқанд гардид. Зеро, даҳҳо нафар шоир тарки Ватан намуда, давлати Ҳиндро макони ризқу рӯзӣ қарор доданд. Дар параграфи мазкур инчунин муаллиф доираи адабӣ ва фарҳангии шаҳри Бухороро ба таври алоҳида нишон додааст. Аз ҷумла, оид ба фаъолияти Абдурраҳмони Мушфиқӣ (1538-1588) маълумот дода, қайд мекунад, ки шоир соли 1567 ба Бухоро баргашта, замони ҳукмронии Абдуллохони II то ба дараҷаи “маликушшуаро” расид[11,с.748] .Умуман, саҳми А.Мирбобоев дар таҳқиқу омӯзиши таърих ва тамадуни халқи тоҷик хеле назаррас аст. Дар тадқиқот олим ҷанбаҳои гуногуни таърихи моддӣ ва маънавии тоҷикон - шаҳрсозӣ, меъморӣ, ҳунар, дину оин, суннати мардумӣ мавриди тахдилу омӯзиш қарор гирифтаанд ва осори илмии профессор А.Мирбобоев саҳми арзандаи ин олими маъруф дар самти омӯзиши мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик мебошад.Ҳамин тавр, фаъолияти илмии устод А.Мирбобоев хеле серпаҳлӯ буда, дар давоми умри бобаракати хеш барои равшан намудани масъалаҳои муҳими фарҳанги халқи тоҷик, аз ҷумла омӯзиши мероси таърихиву фарҳангии тоҷикон тадқиқоти азимеро ба сомон расонидааст. Як хусусияти хоси тадқиқоти эшон дар таҷассуми фарҳанги тоҷикон дар он аст, ки бештар ба маълумоти бостоншиносӣ такя мекунад, вале дар баробари ин маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагӣ низ аз мадди назари муаррих дур намемонанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Мирбобоев, А.//https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%90%D0%B1%D0%B4 (санаи муроҷиат: 05.04.2022)
2. Аҳмадов, Ш., Набиев В., Раҳимов Н., Фаизуллоев М., Шарифов Ш., Маҳмудова Н. Муаррихи тавоно шоистаи қадршиносист//Ш.Аҳмадов,В.Набиев, Н.Раҳимов,М. Фаизуллоев, Ш.Шарифов, Н.Маҳмудова/Тирози ҷаҳон. - 2015. - 22 август.
3. Ғайбуллоева, М. Абдуллоҷон Мирбобоев – муҳаққиқи таърихи мазороти шимоли тоҷикистон//М.Ғайбуллоева/Посдори ганҷури бостон. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 80 -

солагии зодрӯзи доктори илмҳои таьрих, профессор, Шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд Абдуллоҷон Мирбобоев. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С.58-65.
4. Мирбобоев А. История мадраса Северного Таджикистана: дисс. кан.ист. тук: 07.00.06: археология. -Душанбе, 1977. – 190 с.
5. Мирбобоев, А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд/А.Мирбобоев.-Хуҷанд: Ношир, 2013. -448 с.
6. Мирбобоев, А. Черты культуры и идеологии древних уструшанцев//А.Мирбобоев/Фарҳанг. -№№ 7-8. - 2002. – С.22-32.
7. Мирбобоев А.К вопросу локализации города Бунджиката и этимологии термина “Истаравшан”//А.Мирбобоев,Н.Рахимов,М.Гайбуллоева/Ученые записки ХГУ им. Академика Б.Гафурова. - 2010. -№4.- С. 108-121.
8. Мирбобоев,А.К.Историческое наследие Худжанда/А.К.Мирбобоев.-Душанбе: Ирфон,1995.-159 с.
9. Мирбобоев, А.К. Хуҷандномa/А.К.Мирбобоев. -Хуҷанд: Нашриёти даелатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1996.-140 с.
10. Мирбобоев, А.К. Хуҷандномa/А.К.Мирбобоев.-Хуҷанд., 1996. –137с.
11. Неъматов, Н.Таърихи халқи тоҷик. Китоби 2. Мӯъҷизаи классикии тоҷикон/Зери таҳрири академик Н.Неъмапов. -Душанбе: Сарпараст, 2008. – 815 с.
12. Ҳамза, Камол. Маконҳои муқаддас. Нақши онҳо дар шиносои таъриху фарҳанг//Ҳ.Камол/ Ҷумҳурият. - 2018.- 6 август.
13. Чаҳордаҳ мазор. - Душанбе, 2001. - С. 67.
14. Ҷӯразода, Ҷ.Ҳ. Посдои ганҷури бостон// Ҷ.Ҳ. Ҷӯразода / Посдори ганҷури бостон. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 80 - солагии зодрӯзи доктори илмҳои таьрих, профессор, Шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд Абдуллоҷон Мирбобоев. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – 312 с.
15. Шарифов, Ш.Саҳми профессори Абдуллоҷон Мирбобоев дар таҳқиқу омӯзиши фарҳанг ва тамаддуни уструшанаи бостон/ Посдори ганҷури бостон. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 80 -солагии зодрӯзи доктори илмҳои таьрих, профессор, Шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд Абдуллоҷон Мирбобоев/ Ш. Шарифов,С.Маҳкамов, П.Шарифов. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С.108-116.

**REFERENCES:**

1. Mirboboev,A.//https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%90%D0%B1%D0%B4 (The date of request: 04/05/2022)
2. Ahmadov, Sh. A powerful historian is worthy of appreciation// Tirozi jahan. - 2015. - August 22.
3. Gaybulloyeva M. Abdullojan Mirboboev - a researcher of the history of the shrines of northern Tajikistan // Guardian of the ancient treasure. A collection of articles dedicated to the 80th birthday of Doctor of History, Professor, Honorary Citizen of Khujand - Abdullojan Mirbobaev. - Khujand: Light of Enlightenment, 2021. - P. 58-65.
4. Mirbobaev A. History of Madrasa of Northern Tajikistan: candidate dissertation in history: 07.00.06: archeology. - Dushanbe, 1977. - 190 p.
5. Mirbobaev A. Introduction to the history of Khujand.-Khujand: Publisher, 2013. - 448 p.
6. Mirbobaev A. Cultural and ideological traits of the ancient Ustrushantsev // Farhang. - No. 7-8. - 2002. - P. 22-32.
7. Mirboboev A. Voprosu localization of the city of Bundjikata and the etymological term "IstaravshayuU / Scientific Notes named after academician B.Gafurov. - 2010. - No. 4. - P. 108-121.
8. Mirbobaev A.K. Historical heritage of Khujand. - Dushanbe: Cognition, 1995. - 159 p.
9. Mirbobaev A.K. Letter. - Khujand: State publishing house named after Rahim Jalil, 1996. - 140 p.
10. Mirbobaev. A.K. Letter. - Khujand., 1996. - 137 p.
11. Nematov N. and others History of the Tajik people. Book 2. The classic miracle of Tajiks / Edited by academician N. Nemapov. - Dushanbe: Sarparast, 2008. – 815 p.
12. Hamza Kamal. Holy places. Their role in knowledge of history and culture// Republic. - 2018.- August 6.
13. Fourteen tombs. - Dushanbe, 2001. - P. 67.
14. Jurazoda J.H. The guard of the ancient gem // The guard of the ancient gem. A collection of articles dedicated to the 80th birthday of Doctor of History, Professor, Honorary Citizen of Khujand Abdullojan Mirbobaev. - Khujand: Light of Enlightenment, 2021. - 312 p.
15. Sharifov Sh., Makhkamov S., Sharifov P. Contribution of Professor Abdullojan Mirbobaev in the research and study of the culture and civilization of the ancient armor / Keeper of the ancient treasure. A collection of articles dedicated to the 80th birthday of Dr. of History, Professor,